# Тақриз

Ба автореферати диссертатсияи Ҳисайнов Далер Эмомович дар мавзуи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)» барои дарёфти дараҷаи номзади имлҳои биологӣ аз рӯйи ихтисоси: 03.02.01 – Ботаника

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз минтақаҳои афзалиятнок, ки барои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти баланди сафедадошта имконият дорад минтақаи Кӯлоб, аз ҷумла, ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу) ба ҳисоб меравад.

Дар солҳои охир, аз таъсири омилҳои гуногун минтақаҳои табиии лӯбиёгиҳои худрӯйи ин минтақа якчанд маротиба коҳиш ёфтанд. Дар робита ба ин, зарурати таҳлили пурраи минтақаҳои табиии лӯбиёгиҳои худрӯй бо назардошти ҳалли мушкилоти дар боло зикршуда вуҷуд дорад. Зиёд намудани маҳсулнокии табиии намудҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи маҳаллӣ дар ҳавзаи дарёи Яхоб имкон медиҳад, ки дараҷаи хӯроки чорворо дар пойгоҳ барои чорвопарварӣ беҳтар намояд, зеро намояндагони оилаи лӯбиёгиҳо манбаи арзишноки растаниҳои дар таркибашон сафеда ва аминокислотаҳои муҳимдошта ба ҳисоб меравaнд.

Дар рисолаи илмии худ унвонҷӯ Ҳисайнов Далер Эмомович дар кори худ хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Яхоб) мавриди таҳқиқ қарор дода, ба натиҷаҳо и хуб ноил гардидааст.

Арзиши амалии кор дар он аст, ки дар натиҷаи таҳқиқот, асосҳои илмӣ – методии ҳифз ва истифодаи оқилонаи захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгиҳои худрӯйи яксолаи хӯроки чорво дар сохтори ҷамоаи растаниҳои табиии заминҳои ҳавзаи дарёи Яхоб кор карда баромада шудааст, ки истифодаи он самаранокии истифодабарии неруи иқлимию хокии минтақаро баланд бардошта, норасоии мавҷудаи сафедаро дар соҳаи чорводории минтақа ҳаллу фасл менамояд. Маводҳои ба дастовардашуда, ҳамчун стратегияи илмӣ барои ҳифз ва оқилона истифодабарии захираҳои биологии растаниҳои лӯбиёгиҳои яксолаи худрӯйи хӯроки чорвои ҳавзаи дарёи Яхоб маҳсуб меёбанд.

Унвонҷӯй дар рафти иҷрои кори илмии худ усулу услубҳои замонавии соҳавии умумиқабулшударо истифода намудааст ва сохтори автореферат, тартиби баёни мақсад ва вазифаҳои гузошташуда, таҳлилу хулосаҳо гувоҳии пурра иҷро гардидани мақсадҳои гузоштащуда буда, далели кори илмии анҷомёфта мебошад. Инчунин унвонҷӯй тибқи мавзуи рисолаи худ 10 маводи илмӣ аз нашр баровардааст, ки 2-тои он дар маҷаллаҳое, ки ба рӯйхати нашрияҳои илмӣ, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, шомил мебошад.

Аппрабатсияи натиҷаҳо тариқи баромадҳо дар конфронсҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ гузаронида шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда бо ҳаҷми зиёди маълумоти коркардашуда бо истифода аз дастурамалҳои методӣ-илмии эътирофшуда ба даст оварда шудааст.

Мавзуи таҳқиқотии интихобнамудаи муаллиф аз ҷиҳати муҳиммият, навгонии илмӣ ва арзиши амалӣ ба талаботи имрӯзаи соҳаи биологӣ ҷавобгуй мебошад.

Чунин мешуморам, ки муаллиф Ҳисайнов Далер Эмомович бо таҳқиқотҳои худ ба рушди илми соҳаи биология саҳми арзанда гузоштааст. Кори диссертатсионии унвонҷӯ Ҳисайнов Далер Эмомович дар мавзуи «Хусусиятҳои биоэкологӣ ва захираҳои биологии баъзе растаниҳои яксолаи лӯбиёгии худрӯйи ҳавзаи дарёи Яхоб (Ёхсу)» ҷавобгӯ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба банди 7 мувофиқ мебошад.

Аз ин рӯ муаллиф сазовори дараҷаи илмии номзани илмҳои биологӣ аз рӯйи 03.02.01- Ботаника мебошад.

номзади илмҳои биологӣ, кафедраи биологияи
умумӣ аз рӯйи ихтисоси 03-01-05 – физиология
ва биохимияи растаниҳо

Сафарова С.С.

Имзои шахсии С.С. Сафарова-ро тасдиқ менамоям.
Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Шукурзода.Ҷ.А.
16.05.2024

Нишонӣ: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Телефон: (+992-3222) 24520, 2022253 e-mail:Ktsu 78@ mail.